**Тақризи роҳбари илмӣ**

**доктори илмҳои филологӣ Юсуфов Умриддин Абдукофиевич ба диссертатсияи аспирант Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «Таҳқиқи адабиёт ва фарҳанги мардуми эронӣ дар осори илмии Валентин Валентин Алексеевич Жуковский» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) пешниҳод шудааст.**

Мусаллам аст, ки ховаршиносии рус, аз ҷумла бахши эроншиносии он дар таҳқиқ, ҷамъоварӣ ва нашри мероси хаттӣ ва шифоҳии адабиёти форсии тоҷикӣ саҳми бузург дорад. Донишмандоне чун В. В. Бартолд, С. Ф. Олденбург, А. А. Ромаскевич, М. Н. Боголюбов, М. Андреев, Э. Браун А. Кримский, В. Р. Розен, К. Г. Залеман, В. Ф. Минорский, И. Н. Березин, Б. Дорн, Н. Хаников, В. А. Иванов, В. В. Григорев, Е. Э. Бертелс, Ю. Н. Марр, К. Чайкин, А. Семенов ва садҳо дигар, ки ба таҳқиқи масъалаҳои мубрами эроншиносӣ машғул шудаанд, ба табдил шудани Русия ба яке аз марказҳои асосии эроншиносии дунё замина гузоштанд. Валентин Алексеевич Жуковский низ яке аз саромадони эроншиносии рус дар асри XIX мебошад.

Бояд гуфт, ки дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ донишмандони тоҷик аз кору фаъолияти илмии донишмандони эроншиноси шӯравии рус огоҳии комил доштанд, вале пас аз барҳам хӯрдани давлати абарқудрати Шӯравӣ робитаҳои илмӣ бо марказҳои илмии Русия ба таври бояду шояд сурат гирифт, ки аз дастовардҳо ва натиҷаҳои илми шарқшиносӣ, аз ҷумла эроншиносӣ иттилои нисбатан камтар дар даст дорем. Афзун ба ин, робитаҳои адабӣ ва илмӣ низ ба дараҷаи матлуб ба роҳ монда нашуд.

Рисолаи Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «Таҳқиқи адабиёт ва фарҳанги мардуми эронӣ дар осори илмии Валентин Алексеевич Жуковский» аз як сӯ, ба густариш додани робитаҳои илмӣ мусоидат кунад, аз сӯи дигар, барои таҳқиқи масъалаҳои эроншиносӣ, хусусан омӯзиш ва таҳқиқи мушкилаҳои илми эроншиносӣ, ки дар Русия

анҷом пазируфтаанд ва аз лиҳози эътибори илмӣ дар дунё эътироф шудаанд, бисёр актуалӣ мебошад.

Аҳаммият ва арзиши илмию назарии таҳқиқоти Алиев С. М. дар мавзуи «Таҳқиқи адабиёт ва фарҳанги мардуми эронӣ дар осори илмии Валентин Алексеевич Жуковский» қабл аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои илмии он метавонад дар густариши робитаҳои илмии Тоҷикистону Русия, инчунин омӯзиши таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, мардумшиносӣ, забоншиносӣ, кишваршиносӣ ва ҷуғрофиёи форсӣ ва рус ба таври густарда истифода шавад. Афзун ба ин, хулосаҳои бадастомада ва натиҷаҳои таҳқиқ ба сифати маводи илмӣ ва шаминаҳои назариву амалӣ дар пажӯҳишҳои адабиёти муқоисавӣ ва робитаҳои адабӣ аз ҷониби муҳаққиқони минбаъда ба кор гирифта мешавад.

Ҷанбаи таҳқиқ ва арзишу аҳаммияти амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки рӯзгор ва осори В. А. Жуковский натанҳо дар Тоҷикистон, балки дар Русия низ ба таври ҷудогона ва ба ҳайси кори мустақилаи монографӣ то кунун ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Рисолаи мазкур гоми нахустин дар ин самт аст. Хулосаҳои бадастомада ва маводи дар рисола коркарду таҳқиқшуда метавонад барои таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни лексияҳо, гузаронидани семинарҳо дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ доир ба масъалаи ховаршиносии рус ва Аврупо метавон истифода бурд.

Масъалаҳо ва консепсияҳое, ки дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳод шудаанд, нав ва илмӣ мебошанд. Тозагии рисола дар он аст, ки диссертант бори аввал паҳлуҳои асосии фаъолияти илмии В. А. Жуковскийро, хусусан дар доираи улуми забоншиносӣ, лаҳҷашиносӣ, адабиётшиносӣ, аз ҷумла адабиёти гуфторӣ, ирфону тасаввуф, таърихшиносӣ мавриди пажӯҳиш ва таҳқиқи ҷиддӣ қарор дода, рисолаи бисёр хуби илмӣ таълиф кардааст. Рисола бо забони равону суфта ва муҳимтар аз ҳама илмӣ нигошта шудааст. Дар диссертатсия мулоҳизаҳои шахсии муаллиф хеле зиёд ба назар мерасанд, ки, аз як ҷониб, арзиши

кори ӯро баланд бардорад, аз дигар ҷониб, саҳми шахсии ӯро дар таълифоти илмӣ нишон медиҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат буда, ҳаҷми умумии он 162 саҳифаи компютериро ташкил мекунад, ки ба талаботи илмии диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй аст.

Ба ҳамин тартиб, диссертатсияи унвонҷӯ Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «Таҳқиқи адабиёт ва фарҳанги мардуми эронӣ дар осори илмии Валентин Валентин Алексеевич Жуковский» таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10. 01. 03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) аст.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**мудири шуъбаи таърихи адабиёти**
**Институти забон ва адабиёти ба**
**номи Рӯдакии АМИТ** **Юсуфов У. А.**
Суроға, 734035, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. Н. Ҳувайдуллоев 274, ҳ. 47
Тел.: +992919045575
E-mail: nushin74@mail.ru
“8” феврали соли 2024

**Имзои Юсуфов У. –ро тасдиқ менамоям:**
**нозири кадрҳои Институти забон ва**
**адабиёти ба номи**
**Рӯдакии АМИТ** **Нарзиқулова Ҳ.**
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21.
Тел.: +992 ( 37) 227-29-07, 221- 70-30,
E-mail: izar rudaki17@mail.ru,
“8” феврали соли 2024